# 109287 - Тавофи видоъ танҳо пас аз анҷоми ҳаҷ дуруст аст

## савол

Оё ҷоиз аст, ки ҳоҷӣ субҳи дувоздаҳум (-и моҳи Зулҳиҷҷа) тавоф кунад ва баъд ба Мино баргашта, ба ҷамарот санг партояд ва сипас ба кишвари худ сафар бикунад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Тавофи видоъ охирин амали ҳаҷ аст. Бинобар ин ҷоиз нест, ки пеш аз дигар амалҳои ҳаҷ анҷом дода шавад, зеро дар ҳадиси Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) омадааст: **«Ба мардум амр шудааст, ки охирин амалашон (дар ҳаҷ) тавофи хонаи Каъба бошад».**

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз, Шайх Абдурраззоқ Афифӣ, Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён, Шайх Абдуллоҳ ибни Қаъуд.

"Фатово-л-лаҷнати-д-доима" (11/302).